*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш . Душанбе, н.Шоҳмансур, к.Айнӣ 37, ДМТ, бинои таълимии 8, факултети молиявию иқтисодӣ, ошёнаи 1, толори Шӯрои олимон. www.tnu.tj).*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи "Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия.**

Дар рушди низоми бонкӣ нишондиҳандаи муҳими фаъолияти молиявии бонкҳо устувории молиявии бонкҳо ба ҳисоб меравад. Муаммои таъмини устувории молиявии бонкҳо ба қатори муаммоҳои муҳими умумииқтисодӣ тааллуқ дорад, чунки устувории пасти молиявӣ метавонад ба муфлисшавии бонк оварда расонад. Дар баробари ин, устувории молиявии бонкҳо аз бузургӣ ва кифоягии сармоя, тавозуни дороиҳо ва уҳдадориҳо, сифати менеҷмент ва дигар нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад, ки ҳамаи инҳо ба омилҳои дохилӣ шомиланд. Дар алоқамандӣ бо ин, омилҳои берунӣ низ вуҷуд доранд, ба монандӣ ҷалби сармоягузорони хориҷӣ барои ташкилнамоии бонкҳои муштарак, зиёдгардии фондҳои захиравӣ, суғуртанамоии бонкҳо, амалисозии назорати мунтазами молиявӣ, гузаронидани мониторинг ва дигар омилҳо мебошанд.

Муаллиф чунин меҳисобад, ки барои ноилгардӣ ба устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ташаккулдиҳии самтҳои асосии рушди он зарур мебошад, ки онҳо метавонанд зимни идоракунии хавфҳои бонк: муайянсозии омилҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, коҳишдиҳии қарзҳои мушкилидор дар сохтори сандуқҳои қарзӣ; таъмини баргардонии қарзҳо дар мӯҳлати таъингардида дар шароити пардохтнопазирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; такмилдиҳии методикаи муайянсозии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ; таъмини сари вақт баргардонии ҳиссагузориҳо (пасандозҳо) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ гардад. Албатта, мо ба андешаи муаллиф розӣ мебошем, чунки устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути низоми нишондиҳандаҳо муайян мегардад, аз ҷумла: сифати дороиҳои бонк, сифати базаи захиравӣ, сифати маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, фаъолияти

даромадноки бонк, идоракунии хавфҳо ва сифати менеҷменти бонк ва нишондиҳандаҳои дигар мебошанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 22, расми 4-уми автореферат оиди коркарди давраҳои консепсияи рушди бонки тиҷоратиро нишон додааст, лекин роҳҳои тадбиқи ин давраҳо дар автореферат инъикос нагардидааст;
2. Дар саҳифаи 24-ум муалиф моҳияти иқтисодии устувории молиявиро пурра шарҳ додааст, ки каме баҳсталаб ва носаҳеҳ ба назар мерасад.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи “Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда номзади илмҳои
иқтисодӣ, дотсент, декани
факултети молия ва қарзи Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурализода А.Н.

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҷабов Б.С.